**ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-028-**и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи **Раҳимов Холмаҳмад Баротович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология.

Парвандаи аттестатсионии №____

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ** аз 04.03.2019, №_3

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Холмаҳмад Баротович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология.

Диссертатсия дар мавзӯи "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик барои ҳимоя санаи **23.11.2018** (суратҷаласаи №4) ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-28-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пазируфта шудааст (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121).

**Раҳимов Холмаҳмад Баротович** 20 майи соли 1972 дар деҳаи Навободи ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон дар оилаи кишоварз ба дунё омадааст.

Соли 1996 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм кардааст.

Аз соли 1996 то 2003 ба сифати лаборанти калони кафедраи адабиёти тоҷик ифои вазифа намудааст.

Аз соли 2003 то 2009 дар кафедраи забони тоҷикӣ (байни-факултативӣ) ба ҳайси муаллими калон фаъолият кардааст.

Аз соли 2009 то 2015 дар вазифаи муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики синфҳои ибтидоии факултети педагогика кор кардааст.

Аз соли 2015 ба сифати муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети таҳсилоти ибтидоӣ, солҳои 2017-2018 дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои таълимии факултет ва аз соли 2018 то ҳол муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмии диссертант** – Муллоев Абдусамад, доктори илмҳои филология, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Восиева Рухшона Қурбоновна** – доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода.

**Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** – номзади илмҳои филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.**

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар тақризи мусбати худ зикр кардаанд, ки рисола аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ва низомномаи КОА ҷавобгӯ аст.

Диссертант муаллифи 9 мақолаи илмӣ буда, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардааст. Ҳамаи мақолаҳо бе ҳаммуаллифӣ ба табъ расидаанд:

1. Раҳимов Х.Б. Мавқеи ғазал дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология (қисми II). – Душанбе: Сино, 2010.–№7(63).–С.147-149.
2. Раҳимов Х.Б. Рубоӣ ва мавқеи он дар эҷодиёти Лоиқ //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2011.-№4(40).-С.38-42.
3. Раҳимов Х.Б. Тараннуми ғояи ватанпарварӣ дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2013. – №1 (50).–С.328--331.
4. Раҳимов Х.Б. Талмеҳ дар ғазалиёти Лоиқ Шералӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2013. – №1 (50).–С.348—351.
5. Раҳимов Х.Б. Мавқеи дубайтӣ дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2015. – №4 (65).–С. 146--150.
6. Раҳимов Х.Б. Мазмун ва мундариҷаи ғоявию бадеии «Дасти дуои модар»-и Лоиқ Шералӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2015. – №4 (65).–С. 189--192.

**Ба автореферат тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1.Аламхон Кучаров-** узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои филология, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр гардидаанд:

- Раҳимов Х.Б. шеъри “Хоки Ватан”-и Лоиқро таҳлил карда, “Тоҷикистон” ном шеъри Бозор Собирро як навъ пайравӣ ба шеъри Лоиқ медонад, ки ин андеша баҳснок аст. Дар ин хусус дар саҳифаи маҷаллаи “Садои Шарқ” миёни адабиётшиносон Ю.Акбарзода ва Ҷ.Саидов баҳси тӯлоние ба вуқӯъ пайваста буд, ки унвонҷӯ онро ба эътибор нагирифтааст.

-Баъзан ишораҳои адабиёти илмии матни автореферат ба рақамҳои тартибии китобнома мувофиқат надорад. Масалан, дар охири иқтибоси саҳ.17 рақами тартибӣ ва саҳифаи маъхаз чунин ишора шудааст: (18, 453). Рақамҳои тартибии адабиёти истифодашуда бошад, аз 1 то 17-ро фаро мегирад.

-Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ, чун Мӯъмин (ба ҷойи Муъмин), сууол (ба ҷои суол) ба назар мерасад.

**2.Нуров Нуралӣ Норович-** номзади илмҳои филология, ходими илмии Институти илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва **Раҷабов Боҳир Мукаммилович-** номзади илмҳои филология, ҷонишини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.Тақриз мусбат буда, ба сифати маслиҳат чунин нуктаҳо тавсия шудаанд:

-Зимни мутолиаи фишурдаи рисола маълум мегардад, ки муаллиф дар муқаддима, асосан, ба се нашри “Куллиёт”-и устод Лоиқ баъд аз даргузашти ӯ ҳамчун намунаҳои асосии мероси шоир ишорат мекунад. Хуб мебуд ба силсилаи “Девон”-и шоир низ, ки давоми солҳои охир ба чоп расидаанд, махсусан “Девон”-и соли 2018 бо сарсухани Шоираи халқии Тоҷикистон Фарзона тариқи нашриёти “Хуросон” ба чоп расид, руҷӯъ намояд, чун дар таҳқиқоти илмӣ ҳамеша ба матолиби тозаву нав авлавият бахшида мешавад.
-Аз фишурда маълум мегардад, ки боби аввали рисола танҳо аз як фасл таркиб ёфтааст. Баъди мурочиат ба матни рисола дар сомонаи донишгоҳ маълум шуд, ки маҷмӯан андешаҳои муаллиф дар ин боб дар ҳаҷми 26 саҳифа баён гардидаанд. Беҳтар мебуд, ки ин боб ҳам ба унвони фасли аввал ба боби дувуми рисола ҳамроҳ карда шавад.
-Мусаллам аст, ки дар меҳвари баррасиҳои илмии унвонҷӯ ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ ва фардияти эҷодии ӯ қарор дорад. Таъйини ҷавҳари аслии ҳунари шоирӣ ва фардияти эҷодӣ пеш аз ҳама дар таҳқиқи мактаби эҷодии суханвар бештару пештар имконпазир аст. Бегумон устод Лоиқ ба эҷоди чунин мактаби бузурги ҳунарӣ муваффақ гардиданд. Агар унвонҷӯ ба масъалаи нақши мактаби Лоиқ Шералӣ дар адабиёти муосири тоҷик низ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, арзиш ва аҳамияти илмии диссертатсия боз ҳам бештар мегардид.
**3.Дустов Комилҷон Авлоқулович-** номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, тақриз мусбат буда, эроде ба назар намерасад.
**4.Ҳикматов Ҷумъабой Ҳакимович-**номзади илмҳои филология, мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ . Тақриз мусбат буда, муқарриз баъзе тавсияҳо барои такмили кор зикр кардааст:
-Мавҷуд будани баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (саҳ. 5,8,21,23).
-Хуб мешуд, ки дар фасли “Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ” ҳангоми таҳлилу баррасии шеъри нимоӣ ва шеъри озод ҳунари Лоиқ дар сароидани ин қабил шеърҳо бо шоирони Эрон-Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Нимо Юшич, Аҳмади Шомлу ва монанди инҳо муқоиса мегардид.
**5.Сайидхоҷа Ализода** - номзади илмҳои филология, мудири шуъбаи тавсифи дастхат, феҳристнигорӣ ва нашри осори илмии Маркази мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз мусбат буда, дар он чанд эроди ҷузъӣ зикр шудааст.
**Муқарризони ғайрирасмӣ** дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсони автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаъҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро таъкид карданд.
**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** ба мавқеи пажӯҳишии онҳо дар адабиётшиносии имрӯз иртибот дорад. Муқарризони расмӣ дар ҳавзаҳои илмии Тоҷикистон ба унвони адабиётшиносони дақиқназар

эътироф шудаанд. Ҳамзамон оид ба назму насри муосир ва мағзу моҳияти ҷараёни адабии замон китобу мақолаҳо ва тақризҳои зиёди онҳо ба табъ расидааст. Муассисаи пешбар аз муассисаҳои бонуфузи олии таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар омода кардани мутахассисони соҳибунвон нақши назаррас дорад.

Шӯрои диссертатсионӣ баъди баррасии кори диссертатсионии Раҳимов Холмаҳмад Баротович таъкид менамояд, ки дар заминаи ин рисолаи илмӣ корҳои зерин ба субут расидаанд:

**Фардияти эҷодӣ** ва ҷойгоҳи Лоиқро дар таърихи адабиёти муосири тоҷик, пеш аз ҳама дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, хусусиятҳои хоси дидгоҳҳои ӯ ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ ва бадеии осори ӯ муайян мекунад. Нотакрории муаллиф на фақат дар тарзи нигориш, балки усули дарки воқеиятҳо, андеша сари ҳаводиси зиндагӣ, боварҳои ӯ ва ғайра зоҳир мешавад, ки мутаассифона, мавриди ҷустуҷӯҳои амиқ ва ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Ҳол он ки чеҳраи хоси шоирии ӯ ифодагари як давраи муҳими таҳаввулоти мундариҷавӣ ва шаклии шеъри имрӯз буда, муайян намудани хусусиятҳои фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабӣ, пеш аз ҳама шинохт ва арзёбии махсусиятҳои идроки бадеӣ ва усули ҷаҳоншиносии ӯ мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан мебояд нахуст ба ошкор сохтани ангезаҳои ибтидоии сиёсӣ ва ҳунарии ҷараёни адабӣ таваҷҷуҳ кард, сипас, нақши шоирро дар алоқамандӣ бо пайвандҳои дарунӣ, ки маҳсули воқеиятҳои ҳаёти адабист, муайян намуд.

Бар мабнои ҷараёни адабӣ арзёбӣ кардани масъалаҳои зикршуда ва муайян намудани роҳҳои ташаккул ва таҳаввули фардияти эҷодии Лоиқ ва хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ ва бадеии шеъри ӯ ҳадаф ва вазифаҳои ҷустуҷӯҳои илмиро дар диссертатсия муайян мекунад. Бинобар ин, барои дар диссертатсия ба ҳадафҳои асосӣ расидан ба ҳалли масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ шудааст:

1. Ошкор намудани мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Лоиқ бар мабнои шеъри солҳои шастуми садаи бист ва баъди он.
2. Нишон додани алоқаи таҷрибаи бадеии шоир бо тамоюлҳои идеологӣ ва адабию зебошинохтии давраи зикршуда.
3. Муайян сохтани саҳми шоир дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик.
4. Шинохт ва арзёбии нақши Лоиқ дар ташаккул ва таҳаввули жанрҳои шеъри имрӯз.
5. Таҳлил ва арзёбии шеъри шоир ҳамчун маҷмӯи таркибҳои шакливу мундариҷавӣ ва зебоишинохтӣ.
6. Муайян намудани суннатҳо ва навовариҳои Лоиқ дар шаклу мундариҷаи шеъри тоҷикӣ.

**Муқаррар карда шудааст,** ки бори аввал масъалаи ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ дар ҷараёни адабии нимаи дувуми солҳои шаст ва баъди он мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор мегирад.

Дарача ва савияи имрӯзаи дарки ин масъала водор намудааст, ки механизми ҳалли масъалаҳои мавриди тадқиқро дар алоқаманди бо чараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири точики накд ва арзёбӣ карда ва мушаххасоти он муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия бори аввал мавзӯи мавриди назар таҳқиқгардида, дар замин фардияти эчодии Лоиқ ва чойгоҳи ӯ дар чараёни адабӣ ҳамчун шоири чӯянда, суннатгаро ва навовар муайян карда шудааст. Дар заминаи тачрибаи эчодии шоир заминаи дидгоҳҳои фардии эчодӣ, хусусиятҳои шакливу мундаричавӣ ва усулҳои бадеии тасвиркориҳои Лоиқ муайян гардидааст, ки бозгӯ аз навии илмии тадқиқот мебошад.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот м**уайян намудааст, ки накш ва чойгоҳи Лоиқ дар як давраи муҳимми ташаккул ва таҳаввули шеъри точикӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои фардияти эчодии шоир дар мабнои (контексти) чараёни адабӣ муҳим буда, илова бар ин, таҳқиқи фардияти эчодии Лоиқ, хусусиятҳои жанрӣ ва бадеии осори ӯ барои шинохт ва арзёбии равиши инкишофи шеъри муосири точикӣ ва масъалаҳои назариву амалии он низ алоқамандии бевосита дошта, бар зарурати таҳқиқи мавзӯи тадқиқотӣ таъкид доштааст.

Ҳангоми таълифи рисола нашрҳои гуногуни осори шоир, тадқиқоти доир ба ҳаёт ва фаъолияти эчодии Лоиқ анчомгирифта, намунаҳои осори шоирону нависандагони муосири ӯ, ёддоштҳо ва қомусҳои соҳавӣ ва таълифоти илмӣ сарчашмаҳо ва маводи тадқиқот мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Натичаҳои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавод ва натичаҳои пажӯҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини точик, таърихи накди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти точик, суханрониҳо аз боби масъалаҳои адабиёти навин дар мактабҳои умумӣ ва олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои таълифи таърихи чомеи адабиёти навини точик истифода кард.

**Саҳми фардии диссертант** дар он зоҳир мегардад, ки вазъи адабиву ичтимоии солҳои шастуми садаи бист, хусусиятҳои эчодии давраи аввали эчодиёти Лоиқро муайян кардааст. Дар заминаи рӯйдодҳои сиёсиву ичтимоии ин солҳо ва санадҳои зиндагиномаи шоир зинаҳои ташаккули фардияти эчодӣ ва аввалин чусттори ҳунарии Лоиқро мавриди омӯзиши баррасӣ қарор додааст. Дар ҳамин равиш ба масъалаи алоқаи мавзӯии эчодиёти ин давраи шоир ба муосиронаш низ диққат дода шудааст.Ҳамзамон диссертант маҳорати шоирро дар корбурди жанрҳо муайян намуда, инчунин масъалаи суннатгароӣ ва навовариро ба миён гузоштааст . Диссертант собит намудааст, ки Лоиқ дар истифодаи жанрҳои гуногун равиши хосро пеш гирифта, гуногунрангӣ дар шеъри ӯ хусусиятҳои шакливу мундаричавиро муайян кардааст. Навчӯйиҳои шоирро дар шаклҳои шеърӣ ифодагари хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ ва фардияти эчодии ӯ донистааст.

Дар чаласаи худ аз санаи 4-уми марти соли 2019 Шӯрои диссертатсионӣ қарор мекунад, ки диссертатсияи Раҳимов Холмаҳмад

Баротович, дар мавзӯи “Ҷустори хунарӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва фардияти эҷодиёти ӯ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология ба ҳимоя пешниҳод шудааст, кори илмии мустақил ва анҷомёфта буда, ба талаботи банди 10-и “Низомнома оид ба тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 16.11.2016, №505 тасдиқ кардааст, ҷавобгӯ мебошад ва диссертант сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология дониста мешавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аъзои Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 18 нафар ширкат намуданд, ки аз ин теъдод 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯи ихтисоси 10.01.01- “Адабиёти тоҷик” буданд. Аз ин теъдод 18 нафар тарафдор, зид: нест, бетараф: нест, дар қуттӣ варақаи овоздиҳии бекоршуда намонд.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филология,**
**профессор** **Ҷаматов С.С.**

**Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филология,**
**дотсент** **Мирзоалиева А. Ш.**